# Навъи китобхонаҳо

Китобхона дар канори хат, коғаз ва китоб, яке аз муҳимтарин унсури ихтирокардаи башар маҳсуб мешавад. Воқеан китобхонаҳо дар иртибот бо пайдоиши хат ва сабту забт шудани донишҳои инсонӣ ба вуҷуд омаданд ва ҳамчун сангбинои таърихӣ барои ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва ҳифозати расонаҳои хаттӣ ва ғайри хаттӣ хидмат мекунанд. Дар замони муосир, бавижа асри XXI, ки мо қарор дорем, китобхонаҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиву иқтисодии ҳар кишвар нақши бориз ва хеле муҳимро мебозанд. Фаъолияти китобхонаҳо дар иртибот бо соҳаи китобдорӣ, дастхӯши таҳаввулот ва тағйирёбӣ ҳастанд. Зимни ворид шудан ба китобхона хонанда бароҳат ва ба суръат ба маводи марғуб ва хостааш дастрасӣ ёбад, аз ин лиҳоз китобдорон мувazzафанд дар иртибот бо рушду такомул ёфтани фаъолияти китобхонаҳои олам, таҷриба ва пешрафти кори китобхонаҳои кишварҳоро пайваста биомӯзанд ва дар ин асно беҳтарин раванди корбурди китобхонаҳои ҷаҳонро истифода кунанд. Тамоми ҷомеаи дунё ба сӯи таҳаввул гом бар медоранд, дар кишварҳое ҳам, ки тафовути бисёр ба якдигар доранд, иттилоот нақши босазое дар ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ доштааст.

Китобхонаҳо бар асоси созмонҳое, ки ба онҳо хидмат арза мекунанд, дастабандӣ мешаванд. Ва ба тавсифи бархе аз анвои китобхонаҳо мепардозем.

**Китобхонаи миллӣ** – маҷмӯи густурда ва ғанӣ аз китобҳо ва дигар аз манобеи иттилоотӣ аст, ки дар хидмати мардум қарор мегирад. Буҷаи китобхонаи миллиро давлат таъмин мекунад. Ҳадафи аслӣ аз таъсиси ин китобхона, ҷамъоварӣ ва ҳифзи китобҳо ва соир манобеъ аст, ки дар кишвар тавлид мешавад. Барои дастёбӣ ба ин ҳадаф, дар бисёре аз кишварҳо қонуне бо номи «**Қонуни таслими нусхаҳои маҷонӣ**» ё ба истилоҳ супоридани нусхаҳои ройгон вуҷуд дорад. Тибқи ин қонун, ноширони китобҳо ва нашриёти даврӣ ва низ тавлидкунандагони соир манобеи иттилоотӣ, бояд ҳадди ақал як нусха аз осори мунташиршуда ва ё тавлиди худро ройгон ба китобхонаи миллии кишвари худ бидиҳанд. Китобхонаи миллӣ низ вазифа дорад ба ҳар як манобеи ирсол шуда, шуморае ихтисос диҳад ва бад-ин тартиб падидоварандагон ва тавлидкунандагони манобеи иттилоотро аз қонуни ҳаққи муаллиф баҳраманд созад.

Илова бар гирдоварӣ ва ҳифзи манобеъ, китобхонаи миллии ҳар кишвар вазоиф ва масъулиятҳои дигаре низ бар ухда дорад, ки муҳимтарини онҳо иборатанд аз:

***1. Гирдоварии китобҳо, мақолаҳо ва таҳқиқоти нависандагони он кишвар, ки дар он сӯи марзҳои миллӣ иқомат доранд.***

***2. Гирдоварии китобҳо ва соир таҳқиқоте, ки нависандагони хориҷӣ дар бораи он кишвар таълиф кардаанд.***

***3. Тадвин ва интишори феҳристи (иттилооти китобшинохтӣ) манобеи иттилоотӣ, ки дар кишвар тавлид ё мунташир мешаванд. Ин феҳрист истилоҳан «китобшиносии миллӣ» номида мешавад ва маъмулан ба арзаи иттилооти китобшинохтии ҷадидтарин манобеъ дар ҳавзаҳои мухталиф мепардозад.***

***4. Таҳияи феҳрист ё эҷоди пойгоҳи иттилоотӣ аз манобеъ, ки дар китобхонаҳо ва соир марказҳои иттилоотии кишвар мавҷуд аст.***

***5. Эҷоди марказҳои пажӯҳишӣ барои пуштибонӣ аз тарҳҳои таҳқиқотӣ ва низ интишори натоиҷи ба дастомада аз онҳо.***

***6. Барномарезӣ ва тарҳрезии низоми «амонат байни китобхонаҳо» ва ҳамоҳанг кардани умури марбут ба он ки сабаби суҳулати дастёбии мардум ба китобхонаҳо ва бойгониҳо мешавад.***

***7. Иртибот бо китобхонаҳои дохил ва хориҷ барои посухгӯӣ ба ниёзҳои гуногуни корбарон, бавижа пажӯҳишгарон.***

***8. Тадвини меъёрҳои миллии интишорот ва иттилоот.***

***9. Эҷоди имконоти омӯзиш зимни хидмат барои китобдорон ва коршиносон ва ошно сохтани онҳо бо пешрафтҳои навини дониши иттилоотрасонӣ ва китобдорӣ.***

Аз Китобхонаҳои миллии муътабар ва маъруфи дунё, китобхонаи миллии Фаронса дар Порис, Китобхонаи музейи Бритониё дар Лондон, Китобхонаи Ленин дар Маскавро метавон ном бурд. Китобхонаҳои мазкур ба далели кайфият, теъдоди манобеъ ва доманаи васеъи мавзӯии онҳо ва низ фаъолият ва иртиботи густурдаашон шухрат ёфтаанд. Ин китобхонаҳо бо таҳияи манобеи иттилоотӣ аз бисёр кишварҳои ҷаҳон мекӯшанд бар ганҷинаи иттилоотии худ бияфзоянд.

**Китобхонаи донишгоҳӣ** – донишгоҳро дар пешбурди рисолати омӯзишӣ ва пажӯҳишаш ёрӣ мерасонад. Ин китобхона чун ба се гурӯҳ: – донишҷӯ, устод ва пажӯҳишгар дар иртибот аст, мекӯшад ба ниёзҳои ҳар як посух диҳад. Китобхонаи донишгоҳӣ маъмулан аз як китобхонаи

марказӣ, китобхонаҳои мустақили донишгоҳӣ ва низ китобхонаҳои тахассусӣ таркиб ёфта, вабаста ба гурӯҳҳои омӯзишӣ аст. Теъдоди китобхонаҳои донишгоҳӣ вобаста ба теъдоди донишҷӯён ва низ риштаҳои таҳсилӣ мутафовит аст.

Бархе аз китобхонаҳои донишгоҳии дунё, монанди китобхонаҳои донишгоҳи Гарварди Амрико ва китобхонаи донишгоҳи Оксфорди Ингилистон, аз назари теъдоди китоб ва кайфияти маҷмӯа бо бузургтарин китобхонаҳои миллӣ қобили муқоисаанд.

Китохонаҳо дар низоми донишгоҳӣ вазифаҳои зеринро бар уҳда доранд:

1. Интихоб ва фармоиши китоб ва соир манобеи иттилоотӣ: интихоб бар асоси баррасӣ ва арзёбии манобеи мавҷуд ва бо дар назар гирифтани намунае анҷом мешавад, ки ном ва мушахассоти манобеи дархости устодон, донишҷӯён ва дигар аъзои донишгоҳ бар рӯи он навишта ва ба китобхона таҳвил дода шудааст.

- *Омодасозии манобеъ барои корбарон.*
- *Ироаи китобҳо ва соир манобеъ ва муаррифии китобҳо бо истифода аз анвои феҳристҳо, китобшиносиҳо, истилоҳномаҳо ва ифшои унвонҳои мавзӯӣ ва ҳамчунин бонкҳо ва пойгоҳҳои иттилоотии мавриди назар.*
- *Хизматрасонӣ дар заминаи амонати байни китобхонавӣ (мубодилаи китоб ва соир намудҳои иттилоотӣ бо китобхонаҳо ва марказҳои иттилорасонии мухталифи дохилӣ ва низ байналмилалӣ).*
- *Омӯзиши шеваҳои истифода аз феҳристи китобхона, китобҳои марҷаъ ва соир манобеъ ва бонкҳои иттилоотӣ ба корбарон.*
- *Ташвиқи донишҷӯён ба мутолиа ва эҷоди ангезапажӯҳиш ва тафаккур дар онҳо.*
- *Таҳияи гузориш аз хадамот ва фаъолиятҳои китобхона ва арзи он ба мудирон, устодон, донишҷӯён ва соир аъзои донишгоҳ.*
- *Ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои мухталифи омӯзишӣ ва устодон барои пешбурди ҳадафҳои омӯзишӣ ва пажӯҳишии дарсӣ.*
- *Таҳия ва дар ихтиёр гузоштани имконоти физикии муносиб ва роҳат барои мутолиа (монанди фазо ва нур).*
- *Таҳия ва тадвини барномаи кулли китобхона (танзими буҷа, созмондиҳӣ ва ҳидояти фаъолиятҳои бахшҳои мухталифи китобхона).*

- *Гузориши иттилооти тозатарин манобеи вобаста ба ниёзҳои ҳар ришта ва истифода аз обзорҳои муносиби иттилоърасонӣ барои огоҳирасонӣ ба ҷомеаи донишгоҳӣ (монанди интишори нав ё огоҳирасонии ҷорӣ ва китобшиносиҳо).*

**Китобхонаи тахассусӣ** – дар муассисоти давлатӣ ва тиҷорӣ, осорхонаҳо, донишгоҳҳо, бемористонҳо, анҷуманҳо ва соир ниҳодҳое, ки бо ниёзҳои иттилоотӣ вижа сару кор доранд, марказҳои манобеъи иттилоотӣ тарҳрезӣ ва эҷод мешавад. Дар ин гуна марказҳо, китобдорон бо истифода аз навтарин фанҳои пешрафта дар заминаи роёна ва иртиботи роҳи дур, монанди пойгоҳҳои иттилоотии пайваста ва дискҳои фишурда (кампак диск), ба гирдоварӣ, бозбинӣ, созмондиҳӣ, таҳлил, арзишёбӣ ва омодасозии манобеъи иттилоотӣ ва тавзеъи онҳо дар байни созмонҳои дохил ва хориҷ мепардозанд.

Дар китобхонаи тахассусӣ китобдор ҷараёни густурдаи иттилоотро бозбинӣ ва шиносоӣ ва иттилооти муҳим ва калидиро, ки бояд дар маърази диди тасмимгарон бошад, интихоб мекунанд. Онгоҳ пеш аз он, ки корбарон, худ пурсише бикунанд посухро дар ихтиёри онон мегузоранд.

**Китобхонаҳои пажӯҳишӣ** – марказҳои иттилоотиеанд, ки манобеъ ва имконотро барои пажӯҳишгарон фароҳам месозанд. Ҳарчанд пажӯҳишгарон аз китобхонаҳои доншгоҳӣ ва тахассусӣ ҳам истифода мекунанд. Дар ин гуна китобхонаҳо он чи онҳо анҷом медиҳанд фарқ мекунанд, зеро китобхонаи пажӯҳишӣ озмоишгоҳе аст, ки дар он пажӯҳишгар кори таҳқиқро бо фарзия ё пурсиш оғоз мекунад ва метавонад онро бо баҳрагирӣ аз манобеи радифи аввал ва ё дувум идома диҳанд.

Бисёре аз китобҳои илмӣ бахши муҳими китобхонаҳои пажӯҳиширо ташкил медиҳанд.

**Китобхонаи умумӣ** – маъмулан бо сармоягузории мардум эҷод мешавад. Ин китобхонаҳо манобеъи иттилоотии мухталифи чопӣ, дидорӣ, шунидорӣ ва электрониро гирдоварӣ, нигоҳдорӣ, пардозиш, бозёбӣ ва ба алоқамандон арза мекунанд.

Нахустини китобхонаҳои умумӣ бо сохторҳои навин дар миёнаи асри XIX дар Амрико ва Инглис ба манзури арзи хадамоти омӯзишӣ ва

фарҳангӣ фаъолияти худро оғоз карданд. Китобхонаҳои умумии имрӯза барои дастёбӣ ба аҳдофи зер талош мекунанд;

1. **Ташвиқи мардум ба мушорикати фаъол дар фаъолиятҳои фарҳангӣ ва иқтисодӣ.**
2. **Фароҳамовардани имконоти рушд ва густариши омӯзиш дар ҷомеа бо ба коргарии барномаҳои расмӣ ва ғайри расмӣ.**
3. **Кумак ба мардум дар истифодаи матлуб аз вақтҳои фароғат ва ташвиқи онҳо ба мутолиа ва саводомӯзӣ.**

Хадамоти Китобхонаҳои умумӣ бояд дар ҷиҳати посухгӯӣ ба ниёзҳои ҷомеа бошад. Созмони ЮНЕСКО дар соли 1995 эъломияе дар заминаи китобхонаҳои умумӣ мунташир кард. Дар ин матн омадааст, ки истифода аз ин гуна китобхонаҳо бояд бо сурати ройгон бошад ва тамоми мардум (бидуни дар назар гирифтани гурӯҳи синнӣ, миллат, мазҳаб, нажод,забон ва табақаи иҷтимоӣ) бояд битавонанд ба таври яксон аз манобеъ ва хадамоти китобхонаҳои умумӣ баҳра гиранд.

**Китобхонаи шахсӣ** – китобхонае аст, ки аз буҷаи умумӣ истифода намекунад ва ба як фард ё хонавода тааллуқ дорад. Ин китобхонаҳо маъмулан ба мавзуоти муайян ихтисос доранд ва интихоби манобеи онҳо бар асоси мизонҳои дақиқ ва илмӣ устувор аст. Асоси бархе аз китобхонаҳои умумӣ бар маҷмӯаҳои шахсӣ бунёд ёфтааст. Соҳибони китобхонаҳои шахсӣ бо таваҷҷӯҳ ба шинохт ва огоҳӣ, худ аз ноширон ва дорандагони маҷмӯаҳои хос ба таҳияи ин гуна маҷмӯаҳо мубодират меварзанд.

Манобеи ин қабил китобхонаҳо ғолибан дар замони ҳаёти фард ва ё пас аз марги ӯ ба ниҳодҳои умумӣ, монанди китобхонаҳои умумӣ ва донишгоҳҳо эҳдо мешавад ва ҳамонгуна, ки зикр шуд, гоҳе ин манобеи арзишманд ба сурати мустақил маҷмӯаи пояи як китобхонаи умумӣ ва ё тахассусиро ташкил медиҳанд.

Ва саранҷом чанд вазоиф, ки барои ҳар намуди китобхона ҳатмист:

**Ҷамъоварии манобеъ ё маҷмӯасозӣ** – дар ин коркард бо истифода аз равишҳои мухталиф аз харид, эҳдо, мубодила ва ғайра саъй мешавад, то маҷмӯи комиле аз манобеи иттилоотӣ таҳия шавад. Дар раванди маҷмӯасозии манобеъ омилҳои монанди аҳдоф, ҷомеаи истифодакунанда, вазъияти молӣ ва навъи китобхона дахолат дорад. Ба таваҷҷӯҳ ба ин ки дар ҳоли ҳозир китобхона шомили маводи фаровон аст (монанди китобҳои хаттӣ ва чопӣ, маҷаллот ва рӯзномаҳо, анвои манобеи дидорӣ ва

шунидорӣ), бинобарин маҷмӯасозӣ ниёзманди ошноии комил бо моҳияти физикии ин навъи манобеъ ва равишҳои таъмини онҳост.

**Ҳифозат ва нигаҳдории манобеъ** – пас аз маҷмӯасозии манобеи китобхона лозим аст, то аз ин манобеъ ба наҳви матлубе муҳофизат шавад, то солиёни дароз дар хидмати ҷомеаи истифодакунандагон бошад, бар асоси навъи китобхона мумкин аст манобеи мухталифе дар он нигаҳдорӣ шавад, мисли нусхаҳои хаттӣ, китобҳои чопи сангӣ, китобҳои чопи маъмулӣ ва анвои манобеи дидорӣ (видео) ва шунидорӣ (аудио). Барои нигаҳдории ҳар як аз ин манобеи иттилоотӣ равишҳои хоси физикӣ, кимиёӣ ва бюлуҷӣ лозим аст, то битавон онҳоро барои истифодаи густурда ва такрорӣ ҳифз кард. Масалан ҳифз ва нигаҳдории китобҳои хаттӣ,ки ниёзманди имконоти физикӣ ва кимиёии дақиқ ва хосе аст. Ҳамчунин нигаҳдории манобеи дидорӣ ва шунидорӣ, мисли филм, акс ва слайд ба ҳарорат, дамо, рутубат ва шароити хосе ниёз дорад, ки агар таъмин нашавад чунин манобеъ дар арзи муддати кӯтоҳ аз байн хоҳад рафт.

**Созмондиҳии манобеъ** – пас аз маҷмӯасозӣ ва ҳифзу нигаҳдории физикии манобеъ, лозим аст, то ин маҷмӯаҳо бо сурате танзим ва мураттаб шавад, ки битавон босуръат ва диққати кофӣ ба ҳар як аз манобеи иттилоотии мавҷуд дар маҷмӯа дастрасӣ ёфт. Дар воқеъ агар ин манобеъ созмондиҳӣ ва танзим нашавад, табдил ба анбори номуназзам аз китобҳо, маҷаллот, рӯзномаҳо ва дигар манобеъ хоҳад шуд, ки корбурде барои ҷомеа нахоҳад дошт. Созмондиҳӣ ва танзими маҷмӯаи манобеъ бавижа ҳангоме арзиш ва аҳамияти худро нишон хоҳад дод, ки ҳаҷми он зиёд буда ва ба таври рӯзафзун бар ҳаҷми он афзӯда шавад. Созмондиҳии манобеи китобхона ба феҳристнависӣ рабт дорад.

Феҳристнависӣ иборат аст аз таҳияи шиносномае барои ҳар як аз манобеи китобхона, бавижа китобҳое, ки битавон аз тариқи он бароҳатӣ ва бо диққат ба як китоб ё манобеи хос дар китобхона дастрасӣ ёфт. Барои он ки тартиб ва танзими хосе аз тариқи феҳристнависӣ дар китобхона фаъол шавад бояд аз дастури амалҳо ва қавоиде, ки дар воқеъ ба стандартҳои байналмилалӣ маҳсуб мешавад, истифода кард. Ошноӣ бо ин стандартҳо ва обзорҳои байналмилалӣ ва маҳорат дар истифода аз онҳо, бахше аз омӯзишҳои маҳоратии риштаи китобдорӣ аст. Шоёни зикр аст, ки маҳорати кофӣ дар ин замина танҳо аз тариқи амалӣ ва кор дар китобхона ба даст меояд. Ҳосили кори феҳристнависӣ - шиносном ё баргае аст, ки дар чорчӯбаи стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва дар

баргдонҳои мухталифи китобхона (мавзӯӣ, унвон, муаллиф) ба сурати алифбоӣ танзим мешавад. Истифодакунандагон аз китобхона ба муроҷеа ба ин баргадонҳо, метавонанд ба осонӣ китобҳои мавриди назари худро пайдо ва иттилооти лозимро аз онҳо бигиранд.

Барои ин ки ҳар китобе аз назари зоҳирӣ, физикӣ, муҳтавоӣ ва мавзӯӣ ба таври дақиқ созмондиҳӣ ва танзим шавад ба се сурат феҳристнависӣ мегардад: феҳристнависии тавсифӣ, феҳристнависии таҳлилӣ ва радабандӣ.

**Феҳристнависии тавсифӣ** – дар ин марҳила бо истифода аз охирин қавоид ва стандартҳои баналмилалӣ, вижагиҳои зоҳирӣ ва физикии китоб ё ҳар манбаи дигаре дар барга ё шиносномаи китоб ироа мешавад, ки муҳимтарин онҳо иборатанд аз унвон, муаллиф, мутарҷим, ношир, таърихи нашр, маҳалли нашр ва теъдоди саҳифаҳо. Муроҷиаткунанда бо донистани унвони китоб ё номи муаллиф ба шарти мавҷуд будани он китоб, метавонад ба он дастрасӣ ёбад.

**Феҳристнависии таҳлилӣ** – пас аз ироаи мушахассоти физикӣ ва зоҳирии китоб дар бахши феҳристи тавсифӣ бояд китобро аз назари муҳтавоӣ ва мавзӯӣ муаррифӣ ва шиносномаи (барга) китобро дар ин замина комил кард. Дар ин марҳила низ аз стандартҳои байналмилалии таҳлили китоб истифода кард.

**Радабандӣ** – дар ин марҳила лозим аст аносири физикӣ ва мавзӯии ироа шуда, дар бахшҳои тавсифӣ ва таҳлилӣ ба кодҳои ададӣ ё ҳарфи ададӣ табдил шавад. Дар воқеъ ин кодҳо, ки ба онҳо шумораи бозёбӣ ё шумораи роҳнамоии китоб мегӯянд китоб дар маҷмӯаи китобхона маҳсуб мешавад. Дар китобхона ин кодҳо ё шумораҳо ба қисми чапи болои китоб часпонда ва ба рӯи барга ё шиносномаи китоб низ сабт мешавад. Бад-ин тартиб китобдор ё муроҷиаткунанда бароҳат метавонад китобро пайдо кунад. Барои ин ки дар ин марҳила ба сурати стандарт ва якдаст амал кард аз анвои радабандиҳои роиҷ дар ҷаҳон истифода мешавад, ки маъруфтарини онҳо радабандии китобхонаи Амрикост, ки ба таври ихтисор ба он радабандии LC мегӯянд. Дар ин радабандӣ тамоми улуми башарӣ бар асоси ҳуруфи алифбои инглисӣ тақсим шудааст.

Пас аз поёни мароҳили феҳристнависӣ, ҳар китоб ё манобеи дигаре дар китобхона аз назари зоҳирӣ ва муҳтавоӣ (мавзӯӣ) дорои шиноснома ё барга мешавад, ки илова бар тавсифи китоб дар чанд хат дорои як коди ададӣ ҳарфӣ аст, ки дар воқеъ ба сурати муъҷаз китобро ба сурати чанд ҳарф ва адад ироа мекунад. Ин кодҳо дар сатҳи байналмилалӣ шинохта ва

пазируфта шуда аст. Пас аз таҳияи ин барга ва сабти коди китоб бар рӯи он баргаҳо дар баргадонҳои мухталиф (унвон, мавзӯъ, муаллиф) ба сурати алифбои матлуб танзим мешавад. Муроҷиаткунанда аз тариқи ин баргадонҳо (ё файлҳои роёнаӣ) ба осонӣ метавонад, китоб ё манобеи мавриди назари худро ҳатто дар маҷмӯаҳои чандмиллиона пайдо кунад.



**Аҳмадбек Боқиев**
**Сармутахассиси**
**шуъбаи илмӣ-таҳқиқотӣ**